# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи: «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар шароити муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳимояи давлат ва ҷомеа аз ҳамлаҳои ҷиноятӣ равона шуда, механизмҳои ҳуқуқиро барои нигоҳдории субот ва устувории тартиботи ҷамъиятӣ фароҳам меорад. Дар маънои васеътар, он, инчунин ба таъмини сулҳи байналмилалӣ ва амнияти башарият мусоидат намуда, уҳдадориҳои давлатро дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҷаҳонии мубориза бо ҷиноятковириро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҶТ на танҳо воситаи татбиқи ҷазо, балки механизми муҳими ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷамъиятӣ, ҳифзи шахс ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун асосҳои муҳими низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад намуда, татбиқи муназзам ва асосноки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро таъмин менамоянд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои консептуалӣ ва меъёриро ифода мекунанд, ки татбиқи қонунгузории ҷиноятиро дар самти қонуният, адолат ва инсондӯстӣ таъмин намуда, инчунин самаранокии ҳуқуқӣ ва аҳамияти иҷтимоии онро муайян мекунанд. Чунин принсипҳо хусусияти низомсозӣ дошта, раванди танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятииро муайян намуда, имконпазирии худсариро истисно менамоянд ва риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсро дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи ҶТ ифода ёфтаанд, пайвастагии амиқ дошта, заминаи меъёрию арзишии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлатро ташкил медиҳанд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ моҳияти консепсияи идеологии ҳуқуқи ҷиноятии муосирро дар худ таҷассум мекунад. Дар асоси он анъанаҳои назарияи ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи қонунгузории ҷиноятии ҷаҳонӣ гузошта шудааст. Принсипҳо аз муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ, ки ҳуқуқ, мансубият ва мақсади ҳуқуқро ифода мекунанд, бармеоянд. Хусусияти фарқкунандаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар гуногунии дохилии онҳо ифода меёбад.

Дар асоси нишондоди банди 26 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян муқаррар мегардад, ки ин ба вазъи ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии муносибатҳо таъсири амиқ мерасонад.

Мутобиқи банди 9 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 ноябри соли 2013, №492 тасдиқ шудааст, яке аз самтҳои асосии сиёсати ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҶТ-ро мутобиқсозии вазъи ҷинояткорӣ ба низоми принсипҳо, афзалиятҳо ва муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶТ, инчунин риоя ва баланд бардоштани самаранокии механизми танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ ташкил менамояд.

Бояд гуфт, ки дар амалияи ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҶТ таҳқиқоти махсус оид ба ин мавзуъ вуҷуд надорад ва дар маҷмуъ танҳо чанд нафар аз олимони ватанӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Гузаронидани таҳқиқоти амиқ дар ин соҳа бевосита ба инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва дар амал татбиқ намудани муқаррароти он мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва мунтазами илмии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба як қатор омилҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста аст. Якум, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ самтҳои калидӣ мебошанд, ки тамомияти дохилӣ, мухолифати мантиқӣ ва самти инсондӯстӣ (гуманистӣ)-и қонунгузории ҷиноятии ҶТ-ро таъмин мекунанд. Дуюм, мустаҳкамсозии меъёрӣ ва татбиқи амалии онҳо бевосита ба самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир расонида, асосҳои қонуният ва адолатро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ташаккул медиҳад ва инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро дар шароити таъқиби ҷиноятӣ кафолат медиҳад. Сеюм, дар шароити дигаргунии муносибатҳои ҷамъиятӣ, васеъ гардидани ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои универсалии ҳуқуқӣ, омӯзиши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нигоҳи таъмини рушди устувори низоми ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузории ҷиноятӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ

ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои адлияи судии ҷиноятӣ аҳаммияти хоса дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи таҳқиқоти мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти махсус дорад ва таҳқиқи илмии масъалаҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мубрамияти худро пурра исбот менамояд. Ин таҳқиқот барои рушд ва таҳкими заминаҳои назариявию амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муҳим хоҳад гузошт ва дар оянда метавонад барои таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани қонунгузории ҷиноятӣ хизмат кунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар таҳияи ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии институти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо назардошти тамоюлҳои имрӯзаи дигаргунсозии қонунгузории миллӣ ва татбиқи стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Бори аввал дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои низомсозӣ, ки самт, мазмун ва самаранокии танзими ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунанд, ҳамаҷониба таҳқиқ карда шавад. Бо истифода аз усулҳои сохторӣ-системаӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-мантиқӣ ва таҳлилӣ табиати ҳуқуқӣ, мазмун ва ҳадафи функсионалии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин нақши онҳо дар таъмини адолат, қонуният ва инсондӯстӣ дар низоми адолати судии ҷиноятӣ таҳлили амиқ анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқот ба таҳлили ҳамбастагии принсипҳои конститутсионӣ, байналмилалӣ ва соҳавӣ ва муқаррар намудани онҳо дар қонунгузории ҶТ ва амалияи татбиқи онҳо диққати махсус дода шудааст.

Таҳқиқоти илмии мазкур ба муаллиф имкон додааст, ки аз ҷумла чунин нуктаҳои муҳимро ба ҳимоя пешкаш намояд:

1. Асоснок карда шудааст, ки таҳияи масъалаҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шакли қонунгузорӣ аслан дар давраи шуравии рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оғоз гардида буд. Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми сиёсии даврони шуравӣ, пеш аз ҳама, моделҳои принсипҳои аз ҷиҳати идеологӣ пуррашудаи ҳуқуқи ҷиноятиро, таҳия карда шудааст. Принсипҳои демократӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, ки муддати дароз дар қонунгузорӣ инъикос наёфта буданд, танҳо дар доираи доктрина омӯхта мешуданд ва аксар вақт табиати ғоявӣ пайдо мекарданд. Коркардҳои илмӣ, пажӯҳишҳо дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, комёбиҳои раднашавандаи дарки илмии масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар давраи шуравӣ ба даст оварда шуда буданд, баъдтар на

танҳо барои корҳои илмии оянда, балки ҳамчун асос дар матни Кодекси ҷиноятии соли 1998 инъикос ёфтанд.

2. Ташаккули назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар шароити қатъии идеологӣ ба амал омад, ки он дар бартарияти принсипҳои синфӣ, ватандустӣ, интернатсионализми пролетарӣ ва ба ном демократияи советӣ ифода ёфт. Ин принсипҳо характери равшан ифодаёфтаи сиёсӣ ва идеологӣ дошта, барои дастгирӣ намудани идеологияи ҳукмрон ва мустаҳкам намудани ҳокимияти синфи ҳукмрон асоси ҳуқуқӣ буданд. Чунин муносибат табиист, ки аз тарафи давлат дарки догматикии тамоми тарафҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба дастурҳои идеологӣ тобеъ будани категорияҳои ҳуқуқиро ифода менамуд. Натиҷаи ҳамин аст, ки принсипҳои демократӣ ва универсалии қонуни ҷиноятӣ, ки ба афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, инсондустӣ ва адолат асос ёфтаанд, дар таълимот ва қонунгузории советӣ дуруст инкишоф наёфтанд.

3. Исбот карда шудааст, ки аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногунҷабҳа аст. Ба матни Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун кафолати роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзёбӣ мегардад.

4. Дар таълимоти ҳуқуқии ҷиноятӣ нуктаи назари ягона ба таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд нест, ки ин аз тафовути асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологӣ вобаста аст. Таваҷҷӯҳ намудан ба принсипҳои дар Конститутсияи ҶТ дарҷгардида, ҳамчун сарчашмаи олии ҳуқуқӣ ба маврид аст. Бо дарназардошти таҳлили назариявию амалии гузаронидашуда, ба низоми принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил кардани чунин принсипҳо ба мақсад мувофиқ аст: принсипи қонуният, баробарӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондӯстӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ. Ин таснифот арзишҳои конститутсиониро пурра инъикос намуда, мутобиқати қонунгузории ҷиноиро бо принсипҳои бунёдии ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

5. Татбиқи принсипи қонуният дар қонунгузории ҷиноятӣ уҳдадории қонунгузорро оид ба фарқ кардани рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятӣ пешбинӣ менамояд ва ба ин васила мутобиқи ҳуқуқӣ ва якхеларо дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Риоя кардани принсипи инсондӯстӣ на танҳо аниқ ва якхела муайян кардани таркиби ҷиноят, балки дар амалияи таъини ҷазо таъмин намудани давомнокӣ ва мувозинатро талаб мекунад. Ин ҳолат тақозо менамояд, ки низоми санксияҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мунтазам такмил дода шуда, мутаносибӣ ва фардикунонии онҳо муайян карда шавад. Вобаста ба ин, дар КҶ ҶТ муқаррар намудани меъёри дақиқ оид ба асосҳои сабук ва вазнин кардани ҷазо аҳамияти махсус дорад. Чунин ҳолат ба таҳкими адолат, ҳолати дурнамо ва инсондӯстонаи

ҷавобгарии ҷиноятӣ, таъмини мувозинати байни мақсадҳои ҷазо ва ҳифзи ҳуқуқи шахс мусоидат мекунад.

6. Асоснок гардидааст, ки муқаррароти авф ва бахшиши ҷазо ба принсипи ногузирии ҷавобгарӣ мухолифат намекунанд, зеро тибқи тартиби муқарраргардида санадҳои авф ва бахшиши ҷазо аз ҷониби мақомоти олии давлатӣ тавассути қабул кардани қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунанд, сурат мегирад ва илова бар ин, чунин раванд дар ҳолатҳои истисноӣ ва нисбатан кам ба амал бароварда мешавад. Дар баробари ин, дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани асосҳои ҳуқуқии моддӣ ва тартиби муқарраршудаи анҷом додани кирдорҳои зикршуда ҳам дар доираи ҷиноят ва ҳам дар доираи шахс татбиқи принсипи ногузирии ҷавобгариро имконнопазир (танзимнашаванда) мегардонад. Асосҳои мазкур камбудии муқаррароти қонуни ҷиноятӣ буда, такмили минбаъдаи матни м.м. 82, 83 Кодекси ҷиноятии ҶТ-ро тақозо мекунанд.

7. Бо мақсади мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қ. 3 м. 4 илова намудани муқаррароти зерин зарур мебошад: «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар мегирад». Ин номутобиқатии эҳтимолии ҳуқуқиро дар таснифи санадҳо бартараф намуда, ба риояи қатъии принсипи қонуният мусоидат мекунад.

8. Бо мақсади баланд бардоштани возеҳияти ҳуқуқӣ нисбат ба лаҳзаи содир намудани ҷиноят дар қ. 2 м. 12 Кодекси ҷиноятии ҶТ-ро дар шакли зерин ифода кардан ба мақсад мувофиқ аст: «Вақти содир намудани ҷиноят вақти воқеии ба охир расидани он, аз ҷумла лаҳзаи фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки пешбининамудаи Кодекси мазкур эътироф карда мешавад». Ин тавзеҳот тафсири якхелаи мӯҳлати амали ҷиноятро таъмин мекунад.

9. Бо дарназардошти муқаррароти м. 17 Конститутсияи ҶТ таклиф дар шакли муқаррарот оид ба такмили мазмуни принсипи баробарӣ дар назди қонун (м. 5 Кодекси ҷиноятии ҶТ) пешниҳод шудааст. Чунин шакл инъикоси пурраи принсипи баробарҳуқуқии конститутсиониро таъмин намуда, мухолифатро дар таҳрири ҷорӣ бартараф мекунад».

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои ин таҳқиқот аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бармеоянд. Рисолаи мазкур, ки аввалин таҳқиқоти мукаммали комплексӣ вобаста ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, рушди қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи байналмилалиро дар ин самт ба таври муназзам мавриди баррасӣ қарор додааст. Омӯзиши адабиёти илмӣ

имкон дод, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ ба таври аниқ ва равшан таъриф ва пешниҳод карда шаванд, ки ин барои татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал муҳим аст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта ба таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи маводи эмпирикӣ, аз ҷумла, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, ки ба масъалаҳои татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалия мутааллиқ мебошанд, равона гардидаанд. Муаллиф маводи зиёди тафтишотӣ ва парвандаҳои ҷиноятиро дар судҳои ҷумҳуриро таҳлил намуда, тавассути гузаронидани таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ, санҷиши дурустии маълумотҳо, хулосаҳои илмӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар ин диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлил ва омӯзиши васеи адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи воқеии тафтишотӣ-судӣ ба даст омадаанд ва барои таҳким ва рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати назаррас хоҳанд кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи: «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 243 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шудаанд. Инчунин, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии таҳқиқот нишон дода шуда, заминаҳои эмпирикӣ нишон дода шудааст. Навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асосҳои назариявӣ ва амалӣ тавсиф карда шуда, маълумот дар бораи татбиқи натиҷаҳо, саҳми шахсии муаллиф, инчунин сохтор ва ҳаҷми рисола инъикос ёфтааст

**Боби якум** «Мафҳум, моҳият, таърих ва таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад, ки он заминаи методологиро барои таҳқиқоти минбаъда гузошта, имкон медиҳад, ки василаҳои назариявӣ ва самтҳои такмили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар асоси принсипҳои бунёдӣ муайян карда шаванд.

Зербоби якуми боби мазкур ба масъалаҳои «Мафҳум, моҳият ва таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» бахшида шудааст. Дар он муаллиф зикр менамояд, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ

ба монанди дигар зуҳурот таърихи ба худ хос доранд. Бояд хотиррасон кард, ки маҳз дар давраи шуравӣ омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷониби олимон ба соҳаи фаҳмиши илмӣ гузаронида шуда буд. Дар замони Шуравӣ шумораи зиёди корҳо доир ба масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нашр бароварда шуданд ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Лекин ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ дар аввал асосан тавассути китобҳои дарсӣ, курсҳои қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд (саҳ. 20).

Ба андешаи муаллиф, дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ принсипи демократизми шуравӣ, пеш аз ҳама дар он ифода меёфт, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ манфиатҳои меҳнаткашонро ҳимоя мекард. Демократӣ будани ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, инчунин дар пай дар пай ба амал баровардани принсипи баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи ҷазо барои ҳама гуна шахсоне, ки барои содир кардани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок (ҷиноятӣ) гунаҳгоранд, зоҳир мегардид (саҳ. 22).

Ҳамин тариқ, КҶ ҶТ соли 1998 аввалин санади ҳуқуқӣ-ҷиноятии амалкунанда на танҳо калимаи «принсипҳо», балки низоми принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуд. Ба ин система принсипҳо зайл мансуб дониста шудаанд: қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм (саҳ. 27-28).

Муаллиф дар доираи зербоби мазкур баён медорад, ки таҳти мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд асосҳои аввалин ва ғояҳои роҳбарикунандае дар назар дошта шавад, ки муайянкунандаи мазмун ва самти ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мустаҳкам гардида, барои мақомоти қонунгузор, ҳуқуқтатбиқкунанда ва шаҳрвандон дар соҳаи муқовимат алайҳи ҷинояткорӣ ҳатмӣ ба ҳисоб раванд.

Дар доираи зербоби дуюми боби якум муаллиф ба масъалаҳои таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус додааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки тасниф ва ҷудо намудани низоми принсипҳо ба принсипҳои умумҳуқуқӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дорои аҳамияти муҳими консептуалӣ мебошад, ки ба таври мустақим ба таҳкими пайвастагӣ ва ягонагии низоми ҳуқуқии ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Ин равиш на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки дар амалияи қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ аҳамияти калидӣ дорад. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар доираи низоми ҳуқуқ, на танҳо муносибатҳои ҷамъиятии таҳти танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ қарордоштаро ба тартиб медароранд, балки ҳамчун абзори методологӣ ва

ғоявии пешакӣ самти рушди сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро дар ҷомеа муайян месозанд (саҳ. 50).

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ҳалли масъалаҳои Қонуни ҷиноятӣ дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити зист, сохтори конститутсионии ҶТ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, таъмини сулҳу амнияти инсоният, инчунин пешгирии ҷиноятҳо аҳаммияти калон доранд (саҳ. 52).

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба маънои васеи илмӣ, на танҳо унсурҳои сохтории низоми ҳуқуқӣ, балки бозтоб ва идомаи мантиқии арзишҳои иҷтимоӣ ва ғояҳои идеологии ҷамъият мебошанд. Онҳо асоси иҷтимоии принсипҳои шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва ҳамчун категорияҳои шуури ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Ҳар як принсип дар муҳтавои худ тасаввуроти устувори иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро таҷассум менамояд, ки дар тафаккур ва мафкураи ҷамъиятӣ оид ба адолати ҷиноятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва арзиши волоияти қонун шакл мегирад. Аз ин ҷост, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «ақида» ё мафҳуми мураккаби назариявӣ на танҳо маҳсули фикр ва таҷрибаи ҳуқуқии инсон мебошанд, балки инчунин ҳамчун пояи методологӣ ва арзишии ташаккули сиёсати қонунгузорӣ ва амалиёти судӣ хизмат мекунанд (саҳ. 58).

Муаллиф дар ин қисмат зикр месозад, ки таҳлилу баррасии мавзуъ собит менамояд, ки таърифи мафҳумҳои «принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ», «принсипҳои Кодекси ҷиноятӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ муайян нагардидааст, ки мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва татбиқиро ба вуҷуд меорад. Вобаста ба ин, мо таърифҳои ин мафҳумҳоро тавассути истихроҷ ва таҳлили хусусиятҳои хоси онҳо, баррасӣ намуда, зарурати дар қонунгузорӣ муайян шудани онҳо мавҷуд мебошад (саҳ. 74).

**Боби дуюми таҳқиқот** «Татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар матни Кодекси ҷиноятии ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз ҳашт зербоб иборат мебошад. Дар доираи ин боб таҳлили муфассали ҳар як принистпи ҳуқуқи ҷиноятӣ гузаронида шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи қонуният» ном дорад. Танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипи қонуният дар ҶТ характери мураккаби ҳамкории низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалиро инъикос мекунад. Аз як тараф, мазмуни меъёрии он ба муқаррароти Конститутсияи ҶТ, пеш аз ҳама ба моддаҳои 5, 10, 14, 15, 19 ва дигар моддаҳо асос ёфтааст, ки талаботи волоияти қонун, баробарии ҳама дар назди қонун ва роҳ надодан ба маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои шахсро муқаррар мекунанд (саҳ. 77).

Зербоби дуюми боби якум «Принсипи баробарӣ дар назди қонун» ном гирифтааст. Масъалаи баробарҳуқуқӣ аз рӯи анъана дар маркази таваҷҷӯҳи намояндагони соҳаҳои гуногуни илмӣ қарор дошт, зеро он бо мавҷудияти объективии фарқиятҳои инфиродӣ, ки ба ҳар як шахс хос аст - хоҳ он хусусияти иҷтимоӣ, моликият, ҳуқуқӣ ё дигар хусусиятҳо муайян карда мешавад. Ин тафовутҳо ногузир саволҳои марбут ба муносибати баробарӣ ва нобаробарӣ дар заминаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ба миён меоянд. Принсипи баробарӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ маънои татбиқи якхелаи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба ҳамаи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, вазъи иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳояшон дорад. Бо назардошти хусусияти императивии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ин принсип танҳо ҳангоми ба ҷавобгарӣ кашидан татбиқ гардида, кафолат медиҳад, ки ҳар як шахсе, ки қонунро вайрон мекунад, дар асоси баробар, бидуни табъиз ва истисно ҷазо дода мешавад (саҳ. 96).

Зербоби сеюми боби дуюм «Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ» ном гирифтааст. Принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ идомаи мантиқии принсипи баробарӣ дар назди қонун буда, маънои онро дорад, ки ҳар як шахси ҷиноят содиркарда бояд бидуни истисно ва новобаста аз мақоми худ ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Он беҷазоиро иҷозат намедиҳад ва вокуниши ҳатмии давлатро ба ҳама гуна кирдори ҷиноятӣ талаб мекунад. Татбиқи амалии ин принсип ба зиммаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта мешавад, ки вазифаи асосии онҳо таъмини ногузирии ҷазо тавассути саривақт ошкор кардани ҷиноятҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон мебошад. Ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ кафолати муҳимтарини риояи адолати иҷтимоӣ, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ мебошад. Ин принсип ба ташаккули эътимод ба амали ҷудонашавандаи қонун мусоидат мекунад, ки имконияти аз ҷавобгарӣ дур шудани шахсони гунаҳгорро истисно мекунад ва бо ин ҳам вазифаи ҷазоӣ ва ҳам пешгирикунандаи ҳуқуқи ҷиноятиро иҷро мекунад. Ҳар гуна ҷинояткорӣ, бахусус афзоиши ҷинояткорӣ, падидаи манфӣ аст, ки ҳаети осоишта ва амнияти одамонро вайрон мекунад. Аз ин рӯ, мубориза бо ҷинояткорӣ, пешгирии он аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва ҳоло тавассути ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад (саҳ. 114).

Зербоби чоруми боби дуюм - «Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ» - ба яке азӣ масъалаҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятии муосир бахшида шудааст, ки дар моддаи 7 Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар гардидааст. Принсипи ҷавобгарии фардӣ мафҳуми калидӣ мебошад, ки мувофиқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳи

шахси мушаххас дар содир кардани кирдори ба ҷомеа хатарнок ба амал меояд. Ворид кардани ин принсип ба сохтори қонунгузории ҷиноятӣ бояд ҳамчун яке аз муҳимтарин дастовардҳои назариявӣ-қонунгузории ҳуқуқи миллии ҷиноятӣ баррасӣ карда шавад. Расмикунонии меъёрии он адолати таъқиби ҷиноятӣ ва фардикунонии ҷазоро таъмин мекунад ва инчунин барои татбиқи як қатор институтҳои ҳуқуқӣ, аз қабили шарикӣ, ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят, озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ва ғайра асос мебошад (саҳ. 135).

Зербоби панҷуми боби дуюм «Принсипи адолат» ном гирифтааст. Принсипи адолат дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ мавқеи марказӣ дорад, зеро маҳз он заминаи ахлоқию арзишии танзими ҳуқуқиро ташаккул дода, дар шароити давлати ҳуқуқбунёд легитимнокии репрессияи ҷиноятиро таъмин менамояд. Адолат на танҳо шарти амалишавии дигар асосҳои ҳуқуқӣ, балки ғояи бунёдӣ буда, тамоми низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро фаро мегирад. Он тасаввуроти умумии ҷомеаро дар бораи мутаносибии ҷазо, баробарӣ дар назди қонун, инфиродикунонии масъулият ва эҳтиром ба шаъну шарафи инсон инъикос мекунад. Адолат ҳамчун яке аз арзишҳои асосии иҷтимоию фарҳангӣ дар ҳуқуқ ҳамчун ҳадаф, идеал ва меъёри қобили қабули таъқиби ҷиноятӣ баррасӣ мешавад. Сарфи назар аз набудани тасриҳи мустақими ин принсип дар матни Конститутсияи ҶТ ва шартномаҳои байналмилалӣ, он ба таври ғайримустақим дар муқаррароти кафолатдиҳандаи ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ (аз ҷумла, моддаи 14-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва моддаи 6-и Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ) зоҳир мегардад (саҳ. 157).

Зербоби шашуми боби дуюм «Принсипи инсондӯстӣ (гуманизм)» унвон гирифтааст. Бо вуҷуди баробарӣ ва якрангии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, метавон дар бораи аҳамияти махсуси принсипи гуманизм сухан гуфт, ки он дар м. 9 Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар шудааст. Асоси ҳуқуқии тақвияти принсипи гуманизм аз муқаррароти Эъломияи умумиии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конститутсияи ҶТ бармеояд (саҳ. 182).

Зербоби ҳафтуми боби дуюм «Принсипи демократизм» мебошад. Принсипи демократӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ дар эътирофи нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои ғайридавлатӣ дар раванди татбиқи ҳадафҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, пеш аз ҳама — ислоҳи гунаҳкорон, таҷаллӣ меёбад. Мувофиқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ, дар мавридҳои, ки дар қонун ба таври мустақим пешбинӣ шудааст, ба раванди ресоциализатсия (тасҳеҳ ё тавзеҳ додани ҳолати иҷтимоии) одамоне, ки

ҷиноят содир кардаанд, метавонанд бо дархости онҳо ва бо розигии онҳо аҳзобҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, органҳои худидоракунии шаҳрвандон ва ҳамчунин коллективҳои меҳнатӣ шомил шаванд. Ҳамкории чунин институтҳо таҷассуми равиши демократии сиёсати ҷиноятӣ мебошад ва шоҳиди талош барои гуманизатсия кардани ҷазоҳо бо шомил кардани ҷомеа дар танзими ҳуқуқӣ ва таъсири тарбиявӣ мебошад (саҳ. 200).

**Боби сеюми диссертатсия** «Таҷрибаи ҳуқуқтатбиккунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» ном гирифтааст. Дар бобҳои қаблии таҳқиқоти диссертатсионӣ мо масъалаи татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар соҳаи қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Аз дидгоҳи илмӣ ва амалӣ, масъалаи татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Аз он ҷиҳат ки ҳуқуқи ҷиноятӣ равандҳои ҷалб ба ҷавобгарӣ ва таъини ҷазоро танзим менамояд, амалисозии принсипҳои асосии он ҷузъи ҷудонашавандаи таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ ба шумор меравад. Татбиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар маънои васеъ, дар баробари дигар унсурҳо, инчунин татбиқи принсипҳои дар он муқарраргардида мебошад, зеро маҳз ҳамин принсипҳо самтгирӣ ва муҳтавои куллии низоми танзими ҳуқуқи ҷиноятиро муайян месозанд (саҳ. 208).

Новобаста аз аҳамияти асосии худ, татбиқи амалии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша бо як қатор мушкилоти системавӣ ва таъбирӣ (интерпретатсионӣ) рӯ ба рӯ мегардад. Яке аз масъалаҳои калидӣ номувофиқатии байни изҳоротҳои меъёрии қонун ва амалияи воқеии судӣ мебошад. Дар чунин ҳолат, принсипҳои абстрактӣ, ба монанди баробарӣ дар назди қонун ё мутаносибии ҷазо, зери таъсири манфиатҳои мақсаднок, фишори ҷомеа ё маҳдудиятҳои институтивӣ қарор гирифта метавонанд. Дар баъзе юрисдиксияҳо судҳо принсипҳоро ба таври интихобӣ тафсир намуда ё истифодаи онҳоро бо асосноккунии нокифоя иҷро мекунанд, ки ин боиси номуайянии ҳуқуқӣ ва коҳиши эътимоди ҷомеа мегардад. Илова бар ин, набудани тавзеҳоти муфассали қонунгузорӣ оид ба соҳаҳои татбиқ ва робитаи байни баъзе принсипҳо, сабаби истифодаи гуногунфаҳм ва номуқаррар мегардад, махсусан дар парвандаҳои мураккаб. Яке аз дигар мушкилоти ҷиддӣ - мунокишаи даврай байни худи принсипҳо, масалан, байни қонуният ва адолат, мебошад, ки барои ҳалли он тавозуни нозуки судӣ зарур аст, аммо ин тавозун на ҳамеша ба таври возеҳ асоснок карда мешавад. Ин камбудиҳо зарурати роҳнамоиҳои мукаммали доктриналӣ, такмили таълими ҳуқуқӣ ва таъмини амалияи судии яксонро таъкид мекунанд, то принсипҳо на ба ҳайси арзишҳои эъломшуда, балки ҳамчун

меъёрҳои воқеан амалкунандаи низоми адолати ҷиноятӣ иҷро шаванд (саҳ. 210).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятй ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар доираи он андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳоиназариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ , алалхусус қонунгузории ҷиноятии ҶТва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ , лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии ҶТҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои рисола аз имконияти коҳиши хароҷот ва зарарҳои молиявӣ, ки дар натиҷаи вайрон гардидани унсурҳои принсипҳои ҳуқуқӣ ҷиноятӣ дар моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, иборат мебошад. Бо такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва тақвияти мустаҳкамсозии принсипҳо дар як навбат фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратии муассисаҳо бештар муҳофизат мешавад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар баланд бардоштани сатҳи амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар пасманзари нишондодҳои принсипҳои ҳуқуки ҷиноятӣ бармеояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 8 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмй, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,

№267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта туда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ба ақидаи муаллиф принсипи ногузирии чавобгарӣ аз принсипи баробарӣ дар назди қонун бармеояд (с. 115 диссертатсия). Агар ин мавқеъ дуруст бошад, пас зарурияти дар алоҳидагӣ пешниҳод намудани ин принсип дар чист?

2. Дар зербоби принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ масъалаҳои гунаҳгоркунии субъективӣ таҳлил карда нашудааст.

3. Ба ақидаи муаллиф, худи мафҳуми ҳаракат (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, тавре ки аз хусусиятҳои қасд ва беэҳтиётӣ дар модда 28 ва 29-и КҶ ҶТ бармеояд, танҳо ба ҷиноятҳои қасдан дахл дорад. Ҳаракат ва беҳаракатии дар ҷиноятҳои беэҳтиётӣ дорои хосиятҳои хавфи ҷамъиятӣ надоранд (саҳ. 151 диссертатсия). Пешниҳоди мазкур ба мафҳуми ҷиноят мухолифат дорад. Агар кирдор ба ҷамъият хавнок набошад, пас он ҷиноят эътироф карда намешавад, хоҳ қасдона ва хоҳ аз беэеҳтиётӣ. Шарҳи муаллиф вобаста ба ҳолати мазкур талаб карда мешавад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак-2,
М-20, хонаи 4, хуҷраи 24
Телефон: (+992) 919643535
E-mail: femida-80@list.ru

«07» 08 2025

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992 (37) 231- 02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj

«08» 08 2025